## ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Олимзода Шафоат Эргаш дар мавзӯи «Синтез ва модификатсияи кислотаҳои холан бо эфирҳои аминокислотаҳо», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 1.4.4 - Химияи органикӣ пешниҳод гардидааст

Дар кори диссертатсионии мазкур масъалаи пайваст намудани ду синфи калони моддаҳои органикӣ стероидҳо ва аминокислотаҳо мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Пайвастагиҳои стероидӣ дар химияи органикӣ яке аз системаҳои мураккаб ва аз ҷиҳати сохторӣ душвортарин ба ҳисоб рафта, таҳлили онҳо ва гузаронидани реаксияҳои пайвастшавӣ дар ҳалқаи сиклофенантренӣ аҳамияти муҳими назариявӣ ва амалӣ дорад. Дар робита ба ин, дар диссертатсия реаксияҳои пайвастшавии пайвастагиҳои стероидӣ бо аминокислотаҳо мавриди таҳлили ҳама ҷониба қарор гирифтаанд. Пайвастагиҳои ҳосилшуда метавонанд дар тибби амали ҳамчун моддаҳои дорувори истифода шаванд. Бо вуҷуди ин, қабл аз татбиқи амалӣ, чунин пайвастагиҳо бояд марҳилаҳои таҳлили клиникӣ ва клиникиро пурра гузаранд, зеро онҳо, мисли дигар моддаҳои фаъоли биологӣ, метавонанд таъсири манфи низ дошта бошанд. Пайвастагиҳои мазкур имкони истифода дар тибби амалӣ барои табобати бемориҳои системаи ҳозима, ҳамчун танзимкунандаи фаъолияти ҷигар ва ғадуди зери меъдаро доро мебошанд. Илова бар ин, бо назардошти он ки баъзе аз ин пайвастагиҳо дорои атомҳои нитроген мебошанд, онҳо метавонанд ҳамчун моддаҳои зиддиуфунатӣ низ истифода шаванд. Омӯзиши хосиятҳои кислотаҳои холан яке аз самтҳои нав ва афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ маҳсуб меёбад. Имрӯз ин пайвастагиҳо ба сифати моддаҳои фаъоли доруворӣ дар соҳаҳои гастроэнтерология ва гепатология васеъ ва самаранок истифода мешаванд. Дар доираи ҳалқаи сиклофенантренӣ пайвастагиҳои нави доруворӣ синтез гардида, барои татбиқи амалӣ пешниҳод мегарданд. Дар кори диссертатсионӣ ҳамчун моддаҳои ибтидоӣ интихоб ва мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд. Дар ин бахши кор механизмҳои пайвастшавии кислотаи холан бо дигар моддаҳои органикӣ таҳлил ва асоснок карда шудаанд. Натиҷаҳои ба даст омада метавонанд дар таҳияи агентҳои нави фармакологӣ ва татбиқи минбаъдаи клиникӣ ба таври васеъ истифода шаванд. Ин таҳқиқот дар рушди илми химияи органикӣ, ба хусус дар самти химияи пайвастагиҳои биологӣ фаъол, саҳми назаррас мегузорад. Диссертатсия дорои навоварии илмӣ буда, дар он методикаҳои нави синтези мақсадноки агентҳои фаъоли фармакологӣ бо хусусиятҳои селективӣ, устуворӣ ва самаранокии баланд пешниҳод гардидаанд. Маълумоти ба даст омада, барои таҳияи агентҳои литолитикӣ, гипохолестеролемикӣ ва гепатопротекторӣ аҳамияти баланди амалӣ дорад. Кор бо таҳлили амиқи адабиёти илмӣ, муқоисаи натиҷаҳои муаллиф бо маълумоти мавҷуда ва асоснокунии интихоби усулҳои таҷрибавӣ фарқ мекунад.

Бо дар назардошти сатҳи назариявӣ ва амалӣ, дараҷаи навоварӣ ва сифати таҳлили илмӣ, автореферати мазкур ба ҳамаи талаботи «Низомнома дар бораи

тартиб додани унвонҳои илмӣ» -и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июни соли 2023, №295 барои рисолаҳои номзадӣ тасдиқ шудааст, пурра ҷавобгӯ мебошад. Муаллиф кори худро дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расонида, бешубҳа, сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзад аз рӯйи ихтисоси **1.4.4 – Химияи органикӣ** мебошад.

Дар маҷмӯъ, диссертатсияи **Олимзода Шафоат Эргаш** дар мавзӯи «Синтез ва модификатсияи кислотаҳои холан бо эфирҳои аминокислотаҳо», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳо азрӯйи ихтисоси **1.4.4 – Химияи органикӣ** пешниҳод гардидааст, кори мукаммали илмӣ-тадқиқотӣ буда, дар сатҳи баланди методологӣ ва илмӣ иҷро шудааст. Дар ҷараёни таҳқиқот талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, пурра риоя шудаанд. Натиҷаҳои ба даст омада гувоҳи онанд, ки муаллиф масъалаҳои асосии синтез, модификатсия ва омӯзиши хосиятҳои химиявӣ ва биологии кислотаҳои холаниро ба таври ҳамаҷониба ва амиқ таҳлил намудааст. Кор бо асоснокии илмӣ, пай дар ҳамии мантиқӣ ва истифодаи усулҳои муосири тадқиқотӣ фарқ мекунад.

**Хулоса**, автореферати кори диссертатсионии Олимзода Шафоат Эргаш кори мукаммал, пурмуҳтаво ва аз лиҳози илмӣ асоснок ба ҳисоб меравад. Бо дар назардошти сатҳи баланди илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, инчунин саҳми арзанда дар рушди химияи органикӣ ва таҳияи пайвастагиҳои нави фармакологӣ, муаллиф сазовори дарёфти дараҷаи илмии **номзади илмҳо аз рӯйи ихтисоси 1.4.4 –Химияи органикӣ** мебошад.

**Муқарриз:**
Дотсенти кафедраи химияи органикӣ
ва амалӣ н.и.х. Бердиева П.И.

Имзои н.и.х. дотсент Бердиева П.И. тасдиқ мекунам.

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси МДТ –и "ДДХ ба номи
академик Бобоҷон Ғафуров" Сайдуллозода З.С.

**Маълумот барои тамос:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, 735700,
ш. Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков 1. тел.: +992 92 805 7007
*E mail: zarrina_14.10.70@mail.ru* 16.01.2026